ТУ САРЧАШМАИ НИРӮ, ДАРГОҲИ БАХТУ САОДАТ ҲАСТӢ – ЎЗБЕКИСТОНИ АЗИЗ!

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

15 августи соли 2020. Шанбе № 55 (14654)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЛОИҲАҲО ОИД БА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ ДАР НОҲИЯИ БЎСТОНЛИҚ БАРРАСӢ ШУДАНД

14 август Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаҳо оид ба вусъат додани иқтидори сайёҳӣ шинос шуд.

Қатъ шудани хатсайрҳои байналхалкӣ ва ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо барои ҳаракати нақлиёт бинобар пандемияи коронавирус дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Ўзбекистон ба соҳаи сайёҳӣ таъсири гарону ногувор расонд. Зиёда аз 1,5 ҳазор операторҳои сайёҳӣ ва 1,2 ҳазор меҳмонхонаҳо дар мамлакат аз фаъолият бозмонданд. Вазъияти мазкур ба шуғли аҳолӣ ва даромади ҳазорҳо нафар одамони соҳаҳои савдо, ҳунармандӣ, нақлиёт, хўроки умумӣ ва дигар ҷанбаҳои ба ҳам наздик таъсир гузошт.

Бинобар ин аз ҷониби давлат бобати дастгирӣ кардани сайёҳӣ ва мустақиман барқарор намудани фаъолияти иншооти сайёҳӣ чораҳо андешида мешаванд. Президент ба Фармон «Дар бораи чораҳои зарурии дастгирӣ кардани соҳаи сайёҳӣ барои кӯҳиш додани таъсири нохуши пандемияи коронавирус» аз 28 май ва қарор «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ бо риояи қатъии талаботи режими пурзӯри амниятии санитариву эпидемиологӣ» аз 19 июни соли равон имзо кард. Бо ин ҳуҷҷат барои саноати сайёҳӣ ба мақсади нарм гардондани оқибатҳои пандемия як қатор сабукиҳо ҷорӣ карда шуд. Умуман дар Ўзбекистон барои рушди сайёҳӣ дар шароити пандемия имкониятҳои замонавӣ ба роҳ гузошта шудаанд.

Бо қарори Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ аз 12 август ба ҳаракати нақлиёти автомобилӣ, парвозҳои дохилӣ ва равуои поездҳо аз 15 август иҷозат дода шуд. Шифохонаҳо, пансионатҳо, лагерҳои солимгардонии бачагона, меҳмонхонаҳо, хонаҳои меҳмонқабулкунӣ, ҷойҳои шиноварӣ, хостелҳо ва дигар ҷойҳои истироҳат фаъолияти худро оғоз мекунанд. Ин барои рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар кишвари мо шароит фароҳам меоварад.

Дар ҷараёни муаррифӣ дар бораи корҳое, ки иҷро шудааанд ва дар оянда бояд иҷро шаванд, маълумот дода шуд.

Ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд имкониятҳои зиёди сайёҳӣ дорад. Вале тўли солҳои зиёд ин имкониятҳои мавҷуда пурра истифода нашудаанд. Бо вуҷуди табиати зебо, иқлими мусоид ва имкониятҳои истироҳат дар давоми сол, лоиҳаҳои васеъмиқёсу ҳозиразамоне, ки метавонанд сайёҳонро ба минтақа ҷалб намоянд, татбиқ нагардиданд. Алҳол барои фароҳам овардани минтақаҳои сайёҳӣ дар ноҳияи Бўстонлиқ ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои муҳим ба нақша гирифта шудааанд.

– Мақсади асосии мо ин пеш аз ҳама таъмин сохтани волоияти қонун дар соҳаи сайёҳӣ, фароҳам овардани минтақаҳои васеъ, арзон, бехавфу хатар ва мусоиди истироҳатӣ ба шумор меравад, ки имкон медиҳад тамоми сол меҳмонон қабул карда шаванд. Одамон аз тамоми минтақаҳои Ўзбекистон бояд ба чунин ҷойҳо чун Бўстонлиқ сафар кунанд, лоиҳаҳое, ки дар ин ҷо татбиқ мегарданд, бояд барои минтақаҳои дигар намунаи ибрат шаванд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Мувофиқи маълумот ҳар сол ҳамватанони мо барои истироҳат дар хорича тақрибан 1,2 миллиард доллар харҷ мекунанд. Яке аз сабабҳои асосии ин ба миқдори зарурӣ мавҷуд набудани маҷмўаҳои замонавии сайёҳие дар Ўзбекистон мебошанд, ки ба тамоми талаботҳо ҷавоб дода тавонанд.

Бо ин мақсад солҳои охир дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияи Бўстонлиқ, аз ҳисоби маблағи соҳибкорон лоиҳаҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар ним сол маҷмўи дарачаи ҷаҳонии «Амирсой» сохта ба истифода супурда шуд. Ин имконияти татбиқ карда тавонистани лоиҳаҳои бузург мебошад.

Дар ҷараёни муаррифисозӣ роҳбари давлат бо маҷмўи иншооте, ки дар ноҳияи Бўстонлиқ солҳои наздик бояд сохта ба истифода супурда шавад, шинос гардид ва бинобар беҳтарсозии онҳо таклифҳо пешниҳод намуд.

Лоиҳа бобати бунёди истироҳатгоҳи байналхалқии «Билдирсой – Чимён – Нанай» аз ин ҷумла мебошад. Асос ва тарҳи иқтисодии он аз ҷониби консорсиуми ширкати фаронсавӣ аз ҳисоби гранти бунёди FASEP дар ҳаҷми 750 ҳазор евро коркард шудааст.

Арзиши умумии лоиҳа 480 миллион долларро ташкил медиҳад, 280 миллион доллари он сармояҳои бевосита мебошанд. Мақсади асосии он инкишоф додани соҳибкорӣ аз ҳисоби зиёд кардани арзиши замин ва ҷозибадории сармоявии ноҳия ба шумор меравад.

Лоиҳа аз се давра иборат мебошад. Давраи аввал бунёди истироҳатгоҳи доимӣ дар ноҳияи Чимён аст. Инкишоф додани инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла сохтмони пулҳои овезон, ҷойҳои лижапаронӣ ва аттраксионҳо, аз ҳисоби вомо имтиёзноки Фаронса дар ҳаҷми 48 миллион евро пешбинӣ мегардад. Дар натиҷа сайёҳии лижапаронӣ дар кўҳ оммавӣ шуда, барои сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ шароитҳои замонавӣ фароҳам оварда мешаванд, соҳибкорӣ инкишоф меёбад. Қисмати аввалини лоиҳа моҳи декабри соли 2021-ум ба истифода супурда хоҳад шуд.

Талаботи муҳими лоиҳаҳо ин имкониятҳои васеъ пешниҳод кардан ба соҳибкорони бобарор дар пояи шарикии давлативу хусусӣ мебошад. Дар ҳудуди минтақаҳои сайёҳӣ дар пояи рушди бузпарварӣ, шутурпарварӣ ва занбўрияасалпарварӣ ташкил кардани ҳелҳои иловагии хидмат пешбинӣ мегардад. Баъзе ҷиҳатҳои замин дар ҳудуди истироҳатгоҳ ба ҷавононе, ки метавонанд ғояҳояшонро бинобар рушди сайёҳӣ пурра татбиқ кунанд, дода мешавад.

Истироҳатгоҳҳои нав дар деҳоти атрофи обанбори Чорвоқ бунёд меёбанд. Ин ба беҳтар шудани вазъияти бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ бобати рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори хидматрасонӣ дар пойгоҳи иншооти бекор ва истифодаашон ғайрисамарабахш кор бурда мешавад. Аз ҷумла, хусусигардонии тақрибан 80 иншоот ба нақша гирифта шудааст. Ин иштироки давлатро дар соҳаи сайёҳӣ коҳиш медиҳад ва ба рушди соҳибкории хусусӣ такон мебахшад. Созмон додани то 15 ҳазор ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҳисоби пурзўр кардани рақобат нарҳҳои мусоиди хидмат ташаккул меёбанд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин бинобар пурзўр кардани ошкор намудан ва ба қайд гирифтани субъектҳое, ки фаъолияти ғайриқонунӣ доранд, маълумот пешниҳод гардид.

Аз ҷумла, барои соддатар кардани ҳисобу китоби иншоот бо андозситонӣ дар ноҳияи Бўстонлиқ замимаи мобилии orom.uz ва платформаи ягонаи электронӣ коркард шуданд. Ғайр аз ин, нуқтаҳои такягоҳӣ сохта ва беш аз 16 ҳазор иншоот бо инвентар таъмин карда шуданд. Дар натиҷа даромади андоз нисбати то ҳамин давраи соли гузашта тақрибан 3 баробар афзуд.

Дар ноҳия бинобар рушд ва таъмири инфрасохтори роҳ низ чораҳо андешида мешаванд. Аз ҷумла, роҳҳои автомобилгард таъмир, барои обҳои лойолуд трубаҳо гузошта шуданд, беш аз 10 километр роҳҳои пиёдагард бунёд гардиданд.

Президент зарурияти сохтмон ва таъмири роҳҳоро дар пояи лоиҳаҳои андешидашуда ва сарфакор таъкид намуд.

Зиёд кардани миқдори сайёҳон низ эътибори сарфакоронаро бо партовҳо тақозо менамояд. Бинобар маълумотҳо рўзе дар ноҳияи Бўстонлиқ ба ҳисоби миёна 102 тонна партовҳои маишӣ ҳосил мешаванд. Мутаассифона, бинобар дарачаи пасти маданияти истироҳат партовҳо ҷамъоварӣ намешаванд ва дар табиат боқӣ мемонанд.

Барои он ки ин мушкилот ҳаллу фасл шавад, беҳтар кардани низоми тозакунии ҳудудҳо пешбинӣ мегардад, зиёд кардани миқдори нуқтаҳои ҷамъоварии партовҳо ва шумораи техникаҳои махсус, ҳамчунин ба роҳ мондани кори инспексияҳои экологӣ дар назар дошта мешавад. Дар натиҷаи ин тамоми ҳудуди ноҳия бо хидмати нигоҳубинкунандагони санитарӣ фаро гирифта хоҳад шуд. Барои ба талаботи тозагӣ ва ҳифзи муҳити атроф риоя кардани истироҳаткунандагон назорати мунтазам ҷорӣ мегардад.

Ҳамчунин бобати беҳтар сохтани шабакаҳои таъминоти оби ошомиданӣ ва канализатсияҳо дар ноҳияи Бўстонлиқ кор бурда мешавад. Аз ибтидои сол 7,6 километр шабакаҳои таъминоти оби ошомиданӣ, насосҳо ва манораҳои обтаъминкунӣ бунёд карда шуданд. Дар ду соли наздиктарин бунёди 36 километр хатҳои об, 3,5 километр канализатсия ва тақрибан 10 иншооти гидротехникиву канализатсионӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ба беҳтар кардани таъминоти электрии ноҳия эътибори махсус дода шуд. Президент супориш дод, ки шабакаҳои мавҷудаи электрӣ таъмир карда шаванд, иншооти коркарди барқ аз нирўи об, шамол ва офтоб сохта шуда, аз ҳисоби манбаъҳои мазкур 50 фоизи талаботи иншооти сайёҳӣ таъмин гардад.

Лоиҳаи дар пуштаҳои кўҳ, ҷангалҳо ва бунёди об сохтани пойгоҳҳои мобилии истироҳат дар пояи тарроҳиҳои сабук баррасӣ гардид.

Ба мақсади рушди ноҳия ҳамчун минтақаи мукаммали сайёҳӣ ва бомуваффақият татбиқ намудани лоиҳаҳои пешбинишуда Президент пешниҳод кард, ки ба сифати таҷриба ба зиммаи муовини Сарвазир – раиси Кумитаи давлатии оид ба рушди сайёҳии Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳамзамон вазифаи роҳбарии ноҳияи Бўстонлиқ гузошта шавад.

Дар муаррифӣ вазифаи дучанд зиёд кардани иқтидори сайёҳии ноҳия аз ҳисоби вусъат додани миқдори сайёҳон ва хелҳои хидматрасонӣ дар ду соли наздиктарин гузошта шуд.

ЎзА.

БА МАВЗЕИ БУНЁДКОРИВУ ОБОДОНӢ ТАБДИЛ ХОҲАД ЁФТ

Қароре, ки ба ҳаёти нави ноҳияи Сўх ибтидо бахшида, ба таъмини манфиатҳои халқ нигаронда шудааст

Чораву тадбирҳо оиди ривоҷи ҳаматарафаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сўх, ки бар асоси қарори Президент амалӣ мешаванд, дар муҳлати мукарраршуда ва бо сифати баланд ба иҷро мерасанд. Ин маъниро Сарвазир А. Арипов зимни ташриф ба ноҳияи Сўх арз намуд.

Сарвазир дар ҷамъомади фаъолони ноҳия қарори Президент "Дар бораи тадбирҳои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021"-ро ба таври васеъ баррасӣ намуд.

Ў гуфт, ки ягон вазифаи аз тарафи сарвари давлат супурдашуда иҷро нашуда намемонад. Гузашта аз ин, дар мамлакат ба минтақаҳои наздимарзӣ таваҷҷўҳи хос зоҳир карда мешавад. Инро дар мисоли ноҳияи Сўх метавон равшану возеҳ дид. То имзои ин қарор ҳар як хонаводаи он мавриди таҳқиқу омўзиши мутахассисону мутасаддиён қарор гирифт.



Дарвоқеъ, дар ноҳияи Сўх аллакай чандин кори муфид иҷро шуд. Яке аз чунин корҳо ҷалби бекорон ба шуғл мебошад. Наздики се ҳазор нафар ба кор таъмин карда шуданд. Ба таври мисол, 345 нафар дар бунёди иншооти бузурги шаҳри Тошканд машғул ба кор шуданд, 995 нафар ба муассисаҳову ташкилотҳои ноҳия ба кор ҷалб гардиданд.

Барои тармими роҳҳои дохилии ноҳия 18 миллиард сўм сарф шуд. Барои 15 ҳазор сокини ноҳия таъмини барқ беҳбуд ёфт. Ҷиҳати таъмин бо оби ошомиданӣ 20 километр лўлаи об кашида шуд. Барои беҳтар шудани сифати робита 74 километр шабакаи нахи оптикӣ кашида, 5 стансияи базавӣ насб гардид. Дар мавзеи Ҳушёр 200 гектар замин азҳуд карда шуд.

– Худ аз худ маълум мешавад, ки қарори Президент давоми мантиқии ин корҳо мебошад, — гуфт Сарвазир.

Вай дар ҷамъомади фаъолон боз изҳор кард, ки дар ноҳия татбиқи 146 лоиҳа пешбинӣ шудааст. Барои он 639 миллиард сўм ҷудо шудааст. Ин бар он маъност, ки барои 11 ҳазор нафар ҷойҳои нави кор фароҳам оварда мешавад. Танҳо барои ривоҷ додани соҳаи саноат ва кишоварзӣ 95 лоиҳа таҳти иҷро қарор гирифтаву 5 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ ба ҷои кор таъмин мегардданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

МУСОҲИБАИ МО

СУД БА ҚАЛЪАИ АДОЛАТ ТАБДИЛ ЁБАД

***Роҳбари давлат дар ҷамъомади навбатии видеоселекторӣ бори дигар таъкид намуд, ки аз қадимулайём адолат барои халқ мизони осудагӣ ва ҳаёти фаровон, манбаи некӣ аст.* Мусоҳибаи мо бо раиси суди шаҳри Самарқанд оид ба корҳои шаҳрвандӣ Тўлқин УСМОНОВ дар атрофи ҳамин мавзўъ ҷараён гирифт.**

– Дар Қомуси Асосӣ ва Стратегияи амалиёт ба устувории қонун ва таъмини манфиатҳои ҳуқуқии инсон кафолат дода шудааст, – гуфт Тўлқин Рўзиевич. – Тавре ки Президенти муҳтарами мо дар Мурочиатнома ба Олий Мажлис таъкид намуд, муҳимтарин вазифаҳо барои ояндаи наздик, пеш аз ҳама, мустақилияти комили судҳо мебошад. «Суд бояд қалъаи адолат бошад» гуфта буд, роҳбари давлат. Ва агар мо барои ба даст овардани адолати суд аз нуқтаи назари таъмини риояи қатъии қонунҳо нигарем, аҳамияти суди одил дар ин самт равшан муайян мегардад. Сарвари давлатамон таъкид кардааст, ки «Ҳар касе, ки ба идораи суд меояд, бояд бо боварӣ изҳор кунад, ки дар Ўзбекистон адолат тантана мекунад. Ин талаботи Президент аст!».

Дар идораи мо шаш нафар доварон ва 12 нафар ёрдамчиҳои онҳо фаъолият доранд, дар давоми шаш моҳи соли равон 1735 парвандаи шаҳрвандӣ баррасӣ гардид, ки нисбат ба соли гузашта 719-то кам аст. Бояд таъкид намуд, дар давраи ҳисоботи нимсола 35 низои меҳнатӣ, 80 муноқишаи оилавӣ, 139 хонаву манзил, 223 мулки ҳуқуқӣ ва 121 корҳои гуногун баррасӣ шуданд.

– Тўлқин Рўзиевич, сабаби нисбат ба соли гузашта кам шудани парвандаҳои шаҳрвандӣ дар чист?

– Албатта, ин натиҷаи дар байни мардум гузаронидани корҳои тарғиботӣ, фаҳмондани ўҳдадорихои онҳо, баланд гардидани савияи дониши ҳуқуқии халқ аст. Мувофиқи реҷа дар тўли шаш моҳ дар расонаҳои ахбори оммавӣ қариб 10 маротиба баромад кардем. Беш аз 30 фоизи маҷлиси суд ба тарзи сайёр гузаронида шуд. Боз як омили асосӣ – ба маъной асл дар амал татбиқ гардидани принсипи «на мардум ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ ба халқ хизмат кунад» мебошад.

– Ба фикри шумо вазифаи таъхирнопазири довар аз чиҳо иборат аст?

(Давомаш дар саҳ.3).

ХАБАРҲО

Пресс-тур дар ноҳияи Яккасарой

Дар шароити пандемия ҳолати дастгирӣ ёфтани аҳолии муҳтоҷ, ба ниёзмандон сари вақт расонда додани озуқаворӣ ва дорувор, кор бо бемороне, ки дар шароити хона табобат меёбанд ё дар карантин нигоҳ дошта мешаванд, масъалаҳое буданд, ки зимни пресс-тур дар ноҳияи Яккасаройи пойтахт мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар чорабинӣ масъулони ҳокимияти ноҳия ва намояндагон аз Вазорати дастгирии маҳалла ва оила иштирок карданд. Ҳокими ноҳия А.Сайфиддинов гуфт, барои эҳтиёҷмандон, ки дар «Дафтари оҳанин» номнавис шудаанд, 2 млрд. 178 млн. сўм ҷудо шудааст. Дар 21 ҷамъомади шаҳрвандӣ 106377 нафар, ки аъзои 29989 хонадон мебошанд, аз ғамхории давлатӣ бархурдор шуданд. Айни замон дар доираи ҳаракати умумихалқии «Саховат ва кўмак» ба 914 оилаи камтаъмин маблағҳои хайриявӣ тақсим карда шуданд.

Баъд иштирокдорон дар ҶШМ «Қўшбегӣ» ва поликлиникаи оилавии рақами 59 гуфтушунидро давом доданд. Сардухтури поликлиникаи зикршуда Н.Ғуломова гуфт, дар муоинагоҳи мо 5 гурўҳи мобилӣ амал мекунад, ба колл-марказ дар вақти лозимӣ занг задан ва кўмак пурсидан мумкин, 24 соат фаъолият бурдани иштирокдорони мо ба пешгирӣ, табобат ва ҷоннокшавии корҳои таблиғотӣ байни аҳолӣ мусоидат менамояд.

Тартиби нав дар қайди таваллуд

Назар ба хабари Агентии хидматҳои давлатӣ аз 1 сентябри соли равон тартиби хидматрасонии маҷмўии давлатӣ оиди таваллуд дар идораи қайди далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ (ҚДҲШ) ҷорӣ мегардад.

Акнун маълумотномаи тиббӣ дар бораи таваллуд, қайди он дар ҚДҲШ, расмисозии нафақаи якдафъаина, сабти кўдак дар ҷои зист, ба навбат гузоштани вай дар боғчаи давлатӣ ба тарзи электронӣ сурат мегирад.

Аввал ин гуна хидматҳо дар 6 идораи давлатӣ расонда, 15 ҳуҷҷат ва маълумотнома талаб карда мешуд, одамон вақти зиёд сарф мекарданд. Мувофиқи тартиби нав, дар ҳуди ҚДҲШ пур кардани пурсишнома кифоя мебошад. Тавассути телефонҳои мобилӣ ба мурочиаткардагон оиди хидматҳои расондашуда вобаста ба таваллуд хабарҳо (СМС) фиристода мешаванд.

Филм дар бораи коронавирус

Мувофиқи фармоишоти Агентии миллии «Ўзбеккино» аз ҷониби киностудияи филмҳои ҳуҷҷатию хроникавӣ ба сурат бардоштани картинае оғоз ёфт, ки масъалаи муборизаи алайҳи коронавирусро фаро гирифтааст.

Филм «Рўзҳои санҷиш» ном дошта, дар 6 минтақаи ҷумҳурӣ ба навор гирифта мешавад. Коргардон ва муаллифи сенария Дониёр Шокиров.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

БА МАВЗЕИ БУНЁДКОРИВУ ОБОДОНӢ ТАБДИЛ ХОҲАД ЁФТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Қайд гардид, ки домани нақшаҳои таҳти ичро хеле фароханд. Барои ривоҷ додани инфрасохтори роҳу нақлиёт, муҳандисию коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ корҳои бетонрезӣ ва мумфарш намудани 160 километр роҳи шағалпӯш мадди назар аст. Дар ин миён ба 106 километр роҳи ноҳамвор шағал рехта мешавад, 40 километр роҳҳои пиёдагард бо бетони сементӣ фарш мегардад.

Дар маркази маъмурии ноҳия мувофиқи нақшаи умумии шаҳраки Ровон ҳафт иморати панҷошёна ва ҳар кадомаш дорои 30 хона бунёд хоҳад шуд. Дар соҳаҳои тандурустӣ ва таълим низ як қатор корҳо ба сомон мерасанд, ки беҳбуди ҳаёти ходимони ин соҳаҳоро ифода хоҳанд кард. Ҳар як лоиҳа таҳти назорати мутасаддиён қарор гирифта, он бо сифати баланд ва дар мӯҳлати таъиншуда анҷом мепазирад.

Яке аз аввалин иқдоме, ки бар асоси қарори сарвари давлат сурат мегирад, дар муддати як моҳ дар ноҳия бунёд намудани майдончаи парвозу фуруди ҳавопаймоҳои хурд ва чархбол мебошад. Барои татбиқи ин нақша иҷрои корҳои амалӣ шуруъ шудаанд. Ин майдончаи ҳавоӣ дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Навобод" бунёд мегардад. Масоҳати умумии он ҳудуди 10 гектарро фаро мегирад. Маҳз дар ҳамин ҷо қаблан низ майдони хурди ҳавоӣ мавҷуд буд.

Дар айни ҳол барои парвоз ва фуруди ҳавопаймо ва чархбол дар майдони ҳавоии байналхалқии Фарғона низ корҳои мушаххас ба сомон мерасанд. Барои ин хатисайр ҷалб намудани ҳавопаймоҳои хурди Ан-2-и ширкати ҳавонавардии «Humo air»-и Ӯзбекистон ва чархболҳои Ми-8-и марбути ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Uzbekistan Helicopters»-и "Роҳҳои ҳавоии Ӯзбекистон" пешбинӣ шудааанд.

Гунҷоиши мусофирони ҳавопаймои Ан-2 аз 12 нафар иборат аст ва чархболи Ми-8 аз 16 то 20 нафар мусофир мекашонад. Вақти парвоз аз майдони ҳавоии Сӯх ба Фарғона тақрибан 35-40 дақиқаро дар бар мегирад. Интизор меравад, ки дар рӯзҳои аввал ду маротиба ҳавопаймо ва чархбол дар ин хатисайр парвоз анҷом медиҳанд. Дар оянда мувофиқи талабу эҳтиёҷ дар ин хатсайр ҳавопаймову чархболи иловагӣ ба кашонидани мусофирон машғул хоҳанд шуд.

Тавре ки дар қарори Президент омадааст, барои мақбул шудани нархи билети мусофирон чораҳои хос дида мешаванд. Ширкатҳои ҳавопаймой маҳз барои иҷрои қарори Президент ва рафъи мушкилоти мардуми ноҳия шуруъ ба кор хоҳанд кард. Зеро дар айни ҳол ин ширкатҳо ба даст овардани фоидаро мадди назар надоранд.

Пешбинӣ шудааст, ки ин зарарро Девони Вазирон бо истифода аз захираҳои хазинаи худ ҷуброн хоҳад кард. Дар оянда ҳалли ин масъала зимни пешбинӣ ва тасдиқи буҷаи давлатӣ мадди назар гирифта хоҳад шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".
Вилояти ФАРҒОНА.

ИН ҚАРОР АҲАМИЯТИ ТАЪРИХӢ ХОҲАД ДОШТ

Дар муддати бештар аз дуним моҳи охир ноҳияи дурдасти мо бештар мавриди таваҷҷӯҳи Президент ва ҳукумат қарор гирифтааст. Ҷиҳати иҷрои корҳои барномарезишуда тамоми шароити созгор фароҳам оварда хоҳад шуд.

Қарори сарвари давлат бечуну чаро аҳамияти таъриҳиро касб хоҳад кард, зеро бори аввал дар таъриҳи ноҳия оид ба ривоҷу равнақи ҳаматарафаи он қарори махсус ба имзо расид. Ба ибораи дигар, содири чунин қарор тамоми мардуми ноҳияро хушҳол намуд. Дар дилу дидаи онҳо шӯълаи умед пайдо шуд ва оҳиста орзуву ормонҳои онҳо ҷомаи амал мепӯшанд.

Бо мақсади истифодаи босамар аз захираҳои мавҷуда, модернизатсияи шабакаҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, ривоҷ додани инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолотӣ, афзун намудани салоҳияти саноат, беҳбуд бахшидани соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани сифати сервис ва хизматрасонӣ, ҳамчунин дар шароити пандемияи коронавирус таъмин кардани аҳолӣ ба ҷои кор ва аз ҳисоби афзоиш додани даромади молӣ беҳтар намудани дараҷаи зиндагонии аҳолии ноҳия дар ин қарор зикр ёфтааст.

Бар ин асос дастури чораву тадбирҳои ривоҷи ҳаматарафаи иқтисодиву иҷтимоӣ барои солҳои 2020-2021 дар ноҳияи мо мувофиқи иловаи 1 тасдиқ гардидааст. Дар он ривоҷ додани тамоми соҳаҳо акси ҳудро ёфтааст. Аз ҷумла, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатбардор, пуштбонӣ аз соҳибкорӣ, ривоҷи кишоварзӣ ва чорвопарварӣ, беҳбуди роҳи нақлиёт, шароити манзили зисти аҳолӣ, корҳои ободонӣ, таъмин кардани базаи моддию техникии соҳаҳои таълим ва тандурустӣ, таъмини аҳолӣ ба ҷои шуғл ва амсоли он дар қарори Президент пешбинӣ гардидааанд.

Мувофиқи он роҳу усулҳои ривоҷи ҳаматарафаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия муайян карда шудаанд. Яке аз ин роҳҳо ташкил намудани иқтидорҳои нав барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатбардор ва ҳавасмандкунии истеҳсолот, рушди хизматрасонӣ, ба таври васеъ дастгирӣ намудани соҳибкорӣ мебошад.

Агар ба мазмун ва мундариҷаи қарор диққати эътибор диҳем, мебинем, ки соли 2020 бошандагони ноҳия аз супурдани андози молу мулк ва замин озод карда шудаанд. Ҳамчунин ставкаи андоз барои соҳибкорон ва шахсони ҷисмонӣ то 31 июли соли 2021 50 % муқаррар карда шудааст.

Ин барои аҳолии мо имтиёзҳои хеле калон мебошад. Зеро солҳои охир қисмати зиёди аҳолии ноҳия аз заминҳои наздиҳавлигӣ ва майдонҳои кишти худ ҳосили мувофиқи табъ рӯёнда натавонистанд. Дар ин бора мардум борҳо ба ҳокимияти ноҳия муроҷиат кардаанд ва дар ҳалли ин мушкилот мадад пурсидаанд.

Муҳтавои асосии шикояти мардум мушкилоти обёрӣ, дастнорас ва ё қимат будани маводи кимёвӣ ва боз чандин омили дигар мебошанд, ки дар натиҷаи он аҳолии ноҳия аз майдонҳои кишт ҳосили дуруст ба даст наовардаанд, аз ин лиҳоз пардохти андоз барои ин заминҳо барояшон бори гарони иқтисодиро эҷод менамояд. Акнун ин масъала ҳаллу фасл гардид.

Масъалаҳои дигар низ ба нафъи мардуми ноҳияи мо хизмат хоҳанд кард. Ба таври мисол, Вазорати молия вазифадор шудааст, ки барои сохтани манзил ба аҳолии ноҳия қарзҳои ипотека ихтисос диҳад. Дар ин қарор инъикоси масъалаи мазкур низ натиҷаи ҳамон таҳқиқу омӯзиши роҳбарони вазорату идораҳое мебошад, ки чанд муддат дар ноҳияи мо анҷом дода шудаанд. Баъди суҳбату мулоқотҳо ҷиҳати ҳаллу фасли он ба сарвари давлат пешниҳод гардидааанд.

Ҳалли масъалаҳои зиёд низ дар қарори Президент оид ба ноҳия тазаккури ҳудро ёфтааст. Як ҳайати хоси корӣ таъсис ёфтааст, ки ба он Сарвазир сарварӣ мекунад. Дар ин ҳайат аз ҳокими вилояти Фарғона то вазирону роҳбарони идораҳои мухталифи ҷумҳурӣ шомил шудааанд. Ҳар кадоми онҳо ба ноҳияи мо бо навбат омада, раванди иҷрои ин корҳоро назорат мекунанд. Ҳадафи асосӣ бо сифати баланд ва муддати муқарраршуда таъмин гардидани иҷрои лоиҳаҳои таҳти татбиқ мебошад.

Боз як нукта қобили зикр аст, ки дар бораи ҳар як лоиҳаи таҳти иҷро моҳе як маротиба дар ноҳия ва ҳар се моҳ як маротиба дар сатҳи ҷумҳурӣ ҷамъомад баргузор мегардад ва ин масъала баррасӣ мешавад. Ҳамзамон доир ба мушкилоту муаммоҳои ҳалли лоиҳаҳо чорабиниҳо сурат мегиранд. Ин ба он маъно мебошад, ки иҷрои қарори сарвари давлат бекаму кӯст таъмин гардад.

Нуктаи дигари ин қарор мониторинги ба амал баровардани лоиҳаҳои таҳти татбиқ мебошад, яъне монеаҳое, ки барои иҷрои он пайдо мешаванд, зуд бартараф карда хоҳанд шуд. Ҳамчунин омӯзиши ҳолати ҳақиқии камбизоатӣ ва чорабиниҳои лозимӣ барои коҳиш додани он аз вазифаҳое мебошад, ки дар қарор иҷрои он пешбинӣ шудааст.

Ба ин тартиб, дар қарор ягон соҳа ё самти кор оид ба ноҳия аз мадди назар дур намондааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки ташрифҳои чандинкаратаи Сарвазир ва роҳбарони идораҳои воломақом, анҷомиди дидору мулоқотҳои онҳо бо мардуми маҳаллӣ, таҳқиқу омӯзиш беҳуда сурат нагирифтааанд. Бо боварии қатъӣ метавон гуфт, ки қарори мазкур баҳри ободӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми мо нигаронида шудааст.

Аз номи ҳокимияти ноҳия ва мардумамон барои ғамхориҳои беназир ба Президенти муҳтарам Шавкат Мирамонович Мирзиёев арзи сипосу миннатдорӣ мекунем.

Маъмурҷон БОТИРОВ,
ҷонишини якуми ҳокими ноҳияи Сӯх.

АЗ ЧУНИН ҒАМХОРӢ ХЕЛЕ САРФАРОЗЕМ

Ба воситаи яке аз шабакаҳои телевизион сериал тамошо мекардам. Ҳамсоязан омада гуфт, ки ҳадаҳа тугмаи шабакаи телевизионии "Ӯзбекистон-24"-ро пахш кунам. Зеро дар бораи Сӯх қарори муфид содир шудааст. Инро гуфту зани ҳамсоя баромада рафт. Ман тугмаро пахш кардаму бо тамоми эътибор ба экрани телевизор чашм дӯхтам.

Ровии барномаи "Ахбор" оид ба ҳамон қарори Шавкат Мирзиёев ҳарф мезад. Донистам, ки сарвари давлат дар бораи ҳаматарафа ривоҷ додани ноҳияи мо қарори махсус имзо кардааст. Ин рӯйдоди барои мардуми ноҳияамон муҳим маро хеле хурсанд намуд. Баъд боз фаҳмидам, ки қарори хоси Президент тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми моро фаро гирифтааст.

Дар ҳақиқат, ноҳияи дурдасти мо солҳои зиёд ба чунин ҳусни таваҷҷӯҳи сарвари давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ниёз дошт. Мардум орзу мекарданд, ки ин аст, ки ҳар сокини ин марзу бум дар боби ободу зебо шудани диёри бихиштосо саҳме мегузорад.

Банда низ ҳамроҳи фарзандонам дар ободу зебо гаштани ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи худамон "Ҳазрати Алӣ" саҳмгузорӣ мекунем. Ба наздикӣ аз ҳисоби буҷаи оила 300 метр кӯчаи маҳаллаамонро бо шағал ҳамвор кардем. Баъд ба мумфарш намудани он камари ҳиммат бастем. Ин кор низ дар муддати кӯтоҳ анҷом пазируфт ва ҳоло чангу ғубор аз кӯчаи мо бардошта шудааст. Одамон низ хурраму шоданд.

солҳои зиёд касе ошкоро ҳарфе намезад. Ба забон овардани он ҳатто барои мақомоти роҳбарии мамлакат ғайри қобили қабул шумурда мешуд. Аммо сафеду сиёҳ аст, замину осмон мегӯем, неку бад ҳаст ва бою камбизоат низ дар ҷомеа мавҷуд аст.

Ҳоло ҳомиёни зиёд барои оилаҳои камбизоату хонаводаҳои камтаъмин дасти саховат дароз мекунанд ва кӯмакҳои моддӣ мерасонанд, бо маҳсулоти мавриди ниёзашон таъмин мекунанд. Дар ин замина хонаводаи мо низ иҷрои як қатор корҳои савоброи барномарезӣ кардааст. Чанде муқаддам бо раиси маҳалла барои амалӣ намудани чунин нақша аз чанд хонаводаи камбизоати маҳаллаамон боздид намудем ва феҳрасти оилаҳоеро тартиб додем, ки ба кӯмак бештар ниёз доранд. Мувофиқи имконият ба аъзои ин оилаҳо орду равған ва гӯшт тақсим кардем.

пораи хоки Ватан низ сазовори ҳар гуна таваҷҷӯҳ мебошад.

Баъди ба истиқлолият расидани кишвар дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд ва ҳамеша барои ин шукр мегузорам. Орзуву ормонҳои зиёди мардуми мо амалӣ мешаванд. Махсусан, ғамхориҳои пай дар пайи сарвари давлат, ки нисбати ноҳияи мо сурат мегиранд, мардуми моро бештар рӯҳбаланд месозанд ва ҳисси меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватани азиз афзун мегардонанд.

Шубҳае нест, ки баъди ин қарор ноҳияи мо аз ҳар нигоҳ рушду нумӯ мекунад ва ба дастовардҳои калон ноил мешавад. Ман як зани нафақахӯр ҳастам ва давлати пирӣ меронам. Мардуми мо низ ҳеч гоҳ орому қарор надоранд ва баҳри рушду ривоҷи кишвар талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Деҳаҳо обод мешаванд, роҳҳо равону зиндагӣ беш аз пеш фаровон мегардад.

Тавре ки аз мутолиаи қарори имзокардаи сарвари давлат дарёфтам, дар он ривоҷи ҳамаи соҳаҳо ба назари эътибор гирифта шудааст. Аз ҷумла, Президент ба масъалаҳои беҳбуди роҳ ва шароити аҳолӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҳамин нукта боиси қайд

Ғайр аз ин, обод намудани қабристони деҳаамон низ шарти ногузир шуда монд. Ҳама бандаи хокӣ ҳастем ва оқибат турбати моро мардум ба ҳамин қабристон бурда ба хок месупоранд. Қабристон ҷои муқаддас аст, зеро дар он падару модар ва бибиву бобоҳои мо хуфтаанд. Мо ғайр аз он ки қабри гузаштагонамонро зиёрат мекунем, дар боби ободу зебо намудани он низ бояд даст ба кори хайру савоб занем. Бо маслиҳату машварати раиси ҷамоатамон Субҳонҷон Нишонов ва як гурӯҳ колонсолони маҳалла қарор кардем, ки дарвозаи қабристон бояд нав шавад. Ин корро анҷом додем ва як дарвозаи хуб оварда шинондем.

Фаслҳои баҳору зимистон дар ноҳияи кӯҳии мо боришот хеле зиёд аст. Баъзан оби борон ва ҳар тараф ҷорӣ шуда, ба самти қабристон рафта мерезад. Барои ҳамин дар атрофи он лотоки сементӣ хобондем, то ки ин об қабрҳоро зер накунад. Ҳамчунин дар як гӯшаи он барои зарурат таҳоратхона низ сохтем.

Масъалаи коҳиши камбизоатӣ дар қарори Президент хеле бамаврид таъкид шудааст. Ҳамаи мо медонем, ки дар ин масъала

Боз бармегардам сари мавзӯи қарори Президент, ки ҷавобгӯ ба ҳамаи дарду доғи мардуми мо мебошад. Ин қарор мардуми моро аз мушкилоти зиёд раҳо хоҳад кард. Барои ҳамин аз сарвари давлат хеле сипосгузорам. Дар тайи се соли охир корҳои бузург барномарезӣ ва анҷом дода мешаванд. Ҳаёти мардум тамоман ҷилои нав касб менамояд. Соҳибкорони зиёд пайдо шуданд, ки дар фаровонии ҳаёти мардум низ саҳми худро мегузоранд. Кадрҳои малаканок дар арсаи гуногуни меҳнат кору вазифа анҷом медиҳанд. Ҳамаи ин натиҷаи сиёсати хирадмандонаи мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев мебошад.

Юлдузхон НИШОНОВА,
нафақагир аз деҳаи Сариканда.

ОРЗУҲОИ МО ҶОМАИ АМАЛ МЕПӮШАНД

Дар ин рӯзҳо аз он ифтихор мекунам, ки шаҳрванди ҷумҳурии соҳибистиқлол ҳастам. Чаро ифтихор накунам? Ноҳияи мо дар муддати беш аз бисту панҷ соли охир аз чунин ғамхории сарвари давлат баҳраманд нашуда буд.

Вақте ки наврас будем, медидем, ки гоҳ-гоҳ дар фазои мо ҳавопаймо пайдо мешавад. Он хеле паст парвоз мекард ва баъди чанд лаҳза аз назарҳо ғоиб мешуд. Мо намедонистем, ки он аз кӯҷо меояду ба кӯҷо меравад. Баъд дубора ғурроси садои мотори онро мешунидем ва медидем, ки ба самти мӯқобил парвозкунон меравад.

Ҳамон замон низ нисбати ҳамсолони дигари худ кунҷков будам. Боре аз калонсолон пурсидам, ки ин ҳавопаймо аз кӯҷо омадаву боз ба кӯҷо меравад. Онҳо дар ҷавоб мегуфтанд, ки ин ҳавопаймои хизмати тиббист. Баъзан бо даъвати фаврии сардухтури шифохонаи минтақавии Сӯх аз маркази вилоят духтуронро оварда мебарад. Ба гуфтаи онҳо агар бемори вазнин бошад, ӯро ба бемористони марказии вилоят интиқол медиҳанд.

Аммо бо гузашти солҳо ин майдони ҳаво "бекор монд" ва парвозу фуруд омадани ҳавопаймои тиббӣ низ қатъ гардид. Дар урфият мегӯянд, ки "ба ҷӯи обомада боз об меояд". Акнун ин майдони ҳавоӣ дубора фаъол мегардад ва ҳатто масоҳати он васеъ мешавад. Сӯхиён ба воситаи ҳавопаймоҳову чархболҳо ҳудро ба маркази вилоят мерасонанд. Аммо ин хобу хаёлеро мемонд, ки иҷрояш имконнопазир менамуд.

Қарори маълуми Президент содир гардид ва он бунёди майдони ҳавоӣ ва ба роҳ мондани парвози ҳавопаймоҳову чанд чархболро аз Сӯх ба Фарғона ва баръакс пешбинӣ кардааст. Қарорро хондаму тасаввур кардам, ки мӯҷиза ҳам рӯй медодааст. Зеро равуо аз тариқи марзи Қирғизистон барои мардуми диёрам мушкилиҳои зиёдеро эҷод менамуд. Баъзан аз муомилаи сарди ходимони гумруку марзбонон ва милисаҳои сари роҳ табъамон хира мегардид. Барои ҳамин қарори мазкурро бо хурсандӣ истиқбол гирифтам.

Дар он зикр шудааст: "Вазорати нақлиёт баъди як ҳафтаи ҳалли масъалаи истифодаи ҳарими ҳавоии Ҷумҳурии Қирғизистон дар муддати як ҳафта бо нархи барои аҳолӣ мақбул ба роҳ мондани парвозҳои нақлиёти ҳавоии хурдро аз шаҳри Фарғона ба ноҳияи Сӯх таъмин намояд. Ҳокимияти вилояти Фарғона дар муддати як моҳ майдончаи парвози ҳавопаймоҳо ва чархболҳоро дар ноҳияи Сӯх ташкил кунад".

Ин банди қарорро хонда бори дигар хурсанд шудам ва хурсандии атрофиёнамро дида чанд қабат гӯшт гирифтам. Чунки бо вуҷуди шиддат гирифтани пандемияи коронавирус ва то андозае пойин рафтани сатҳи иқтисодиёти мамлакат ба мардуми ноҳия чунин ғамхорӣ зоҳир мегардад ва ин кори саҳлу сода нест. Мехостам, ки инро ҳар як сокини ноҳияи мо хеле хуб дарк намояд ва ба қадри он расад.

Қариб ним аср дар ин ҷо зиндагӣ карда бошам, ҳанӯз чунин эътибор ва ғамхории ҳукумати ҷумҳуриро нисбати мардуми ин диёри дурдастам надидам.

Рӯзе фаро хоҳад расид, ки ҳоҷатмандон тавассути ҳавопаймо як бор аз Сӯх ба Фарғона парвоз мекунанд ва тамоми азияти солҳои дароз кашидаашонро аз лавҳи хотир фаромӯш месозанд. Фикр мекунам, ки оҳиста парвоз аз тариқи хатсайри Сӯх – Фарғона ва баръакси он ба як ҳоли табиӣ табдил меёбад ва мардуми мо дар сурати пеш омадани зарурат ба ин ҳавопаймоҳову чархболҳо савор мешаванду дар як они воҳид ба манзил рафта мерасанд.

Вақте ки кас роҳи яксоатаи байни Сӯх – Фарғонаро аз тариқи марзи кишвари ҳамсоя дар сечор ва баъзан даҳ-дувоздаҳ соат ва аз он ҳам бештар тай мекунад, ҳолати ӯро тасаввур кардан мушкил аст. Агар ин фард зане бошад, ки дар даст кӯдаки ширмак дорад ва ё одами пиру барҷомонда аст, дар он сурат-чӣ? Солҳо мардуми мо маҷбур буданд, ки зимни равуо ба маркази вилоят ҳамин мушкилиҳоро паси сар намоянд.

Гузашта аз ин, баъзан роҳи миёни Сӯху Фарғона моҳҳо баста шуда, мардуми мо наметавонист бемори ҳудро ба шифохонаи марказӣ расонад. Бо ба роҳ мондани парвозҳо мушкилиҳову муаммоҳои зиёду печ дар печ ҳаллу фасл хоҳанд шуд ва эътирозҳо низ аз байн хоҳанд рафт.

Истиқболи ноҳияи мо равшан аст. Чунки бо қарори Президент боз корҳои зиёд ба фарҷом мерасанд ва шаҳраку деҳоти он беш аз пеш ободу зебо мегарданд, ҳаёти мардум фаровон мешавад. Ба ин эътимоди комил дорам.

Субҳон ИСОЕВ,
сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Мӯлгон.

СУД БА ҚАЛЪАИ АДОЛАТ ТАБДИЛ ЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ёд дорам. 13-уми июни соли 2017 дар шаҳри Тошканд бо иштироки раисони судҳои шаҳру ноҳияҳо, вилояту шӯрои олии судҳои ҷумҳурӣ, идораҳои ҳуқуқу тартибот анҷуман баргузор гардид, ки камина низ таклиф шуда будам. Дар анҷумани бонуфуз Президент Шавкат Мирзиёев нутқ эрод намуда, вазифаи мо – доворонро муфассал таҳлил кард. Вай таъкид кард, ки судяҳо барои таъмини суди одилу адолатнок ва устувории қонун масъуланд. Бартарии фаъолияти онҳо бояд ҳалолӣ ва покӣ бошад. Ва ҳангоми ҳал кардани тақдири ҳар як инсон бояд дар шуурамон – адолат, дар забонамон – ҳақиқат, дар қалбамон – покӣ ҳукмрон бошад. Инчунин, ба савганде, ки дар назди халқ ва Президент додем, содиқ мондани мо ҳам қарз асту ҳам фарз.

– Дар сохтори судӣ чӣ навгониҳо татбиқ мегарданд?

– Дар Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ як қатор самтҳои муҳим ва вазифаҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд, ки ичрои онҳо вазифаи таъхирнопазири ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Ба шахсони масъули идораҳои мо супориш дода шудааст, ки системаи судро дар асоси таҷрибаи пешқадам ва меъёрҳои байналмилалӣ аз рӯи принсипи «як суд – як поя» баррасӣ намоем. Воқеан, дар фаъолияти мо татбиқ намудани технологияи рақамӣ самаранокии корамонро зиёд кард. Минбаъд кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки суд ба маънои том ба қалъаи адолат табдил ёбад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

Ба пешвози 700-солагии зодрӯзи Камоли Хуҷандӣ

МАҲОРАТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР ТАСВИРИ ҲОДИСОТИ ЛИНГВОСТИЛИСТИКӢ

Ҳангоми таълифи матни бадеӣ аҳли илму адаб кӯшиш менамоянд, ки тобишҳои лексикию услубӣ, экстралингвистию лингвопоэтикии калимаю ибора ва таъбирҳои фразеологиро бо усулҳои хоси эҷодӣ корбаст намоянд. Шоири ғазалсаро – Камоли Хуҷандӣ кӯшиш намудааст, ки бо интихобу корбасти калимаю ибора ва дигар воҳидҳои забонӣ салосату ғановат, сарвату дороии забони адабиро ҳамаҷониба равшан намояд. Тасвирҳои бадеӣ ва эмотсионалӣ-экспрессивӣ дар ғазалиёт барои муассиру пуробуранг баён намудани фикр хидмат кардааанд. Мураттибони "Девони ғазалиёт"-и Камоли Хуҷандӣ дуруст таъкид кардааанд, ки "Зарофатҳои суханони шоир чунон бориканд, ки гоҳе барои пай бурдани онҳо хонандаю шунавандаро маънирасӣ ва зарофати табъ мебояд". (5).

"Оби ҳайвон" яке аз ибораҳои серистеъмолтарини адабиёти ниёгон ба шумор меравад. Ибораи маъмули таърихӣ аз ду ҷузъ "об" ва "ҳайвон" бо бандаки изофӣ дар шакли ибораи "оби ҳайвон" таркиб ёфтааст. Калимаи "об" ҳамчун воҳиди лексикии забони адабӣ хусусияти умумиистеъмолӣ, моносемантикӣ дорад. Дар нутқи гуфтугӯӣ бештар ва дар нутқи китобӣ камтар корбаст мешавад. Чун истилоҳи илми тасаввуф яке аз ҷузъҳои "чор унсур", чун истилоҳи илми анатомия неъмати ҳаётбахши моеъ мебошад, ки он ба инсону ҷонворон ҳаёт мебахшад.

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ калимаи "об" дар шакли муҷаррад ба маънои асл, ки мо онро дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мебарем ва нӯши ҷон мекунем ва инчунин бо иловаи калимаҳои дигар, яъне калимаҳои "ҳайвон", "ҳаёт", "зиндагӣ", "баҚо", "равон", "чашм", "дида" "муаллаҚ", "сухан", "май", "ҳазар", "Хизр", "Кавсар", "ҷаннат", "Ҷайҳун", "Камол" ва ғайра дар шакли ибораҳои "оби ҳайвон", "оби ҳаёт", "оби зиндагӣ", "оби баҚо", "оби ҷаннат", "оби равон", "оби чашм", "оби дида", "оби равшан", "оби сухан", "оби май", "оби муаллаҚ", "оби ҳазар", "оби Хизр", "Оби Кавсар", "оби Ҷайҳун", "оби чашми Камол", "оби ду чашм", "оби давлати ошиҚ" ва ғайра мафҳумҳои гуногунро ифода кардааст.

Калимаи "ҳайвон" дар замони Камоли Хуҷандӣ маҷозан маънои "ҳаёт", "зиндагӣ" ва дар замони имрӯз маънои "сутур", "сутурон"-ро дар бар гирифтааст. Ин вожа дар нутқ ва тасвири бадеии шоири ғазалсаро дар шакли ибораи "оби ҳайвон" маънои "оби ҳаётбахш"-ро ифода менамояд. Дар байни мардум ривояте ҳаст, ки дар замоневу маконе "оби ҳайвон" аз чашмаи Хизр дарёфт шудааст. Инсон ва тамоми мавҷудоти рӯйи олам аз он чашма об нӯшидааанду ҳаловат бурдааанд.

Нуктадонӣ ба Камоли Хуҷандӣ имконият додааст, ки ӯ бо интихоб ва корбасти ибораи "оби ҳайвон" ворисонашро ба донистан ва дар лавҳи хотир нигаҳ доштани мазмуни афсонаҳои мӯъҷизавӣ ва ривояҳои халқӣ даъват намояд. "Чашмаи Хизр" яке аз чашмаҳои афсонавии мӯъҷизавӣ ба шумор меравад. Камоли Хуҷандӣ мисли ҳамзамонон дар ҳаққи он чашма бо ифтихор ҳарф зада ва бо тасвирҳои бадеиву барҷаста васфу ситоиш намудааст. Дар забони адабӣ чашмаҳои гуногунном бисёранд, аммо "чашмаи Хизр" дар байни он чашмаҳо бо фарогирии нахустоби ҳаёт аз чашмаҳои дигар фарқ мекунад. Ибораҳои нахвии ягона ва гуногунҷузъ муродифи ҳамдигар ба шумор мераванд. Агар онҳо дар матн пай дар пай, ё худ дар алоҳидагӣ чун бандҳои занҷир корбаст шаванд, муассирӣ ва бадеияти сухан ҳамон қадар зиёд мегардад. Мавҷудияти ҳодисаи муродифотӣ ҳодисаи такрорро пешгирӣ намуда, дар ин ҷода шоири хушсалиқаву хушгуфтор Камоли Хуҷандӣ ба соҳибқаламони ҷавон намунаи ибрат гардидааст. Мисолҳои поёнӣ гуфтаҳои моро собит менамоянд:

Зулфи ӯ умр асту он кас
ёбад он умри дароз,
К-аз лабаш бар ваъдаи бӯс
оби ҳайвон кард нӯш.

***

Заҳри ноб аз дасти ту азби
Фурот,
Бе ту оби зиндагӣ милҳи
уҷоҷ.

***

Аз лаби ӯ то хабаре
ёфтем,
Оби ҳаёти дигаре ёфтем.

***

Хоке, ки бар он нишони
он пост,
Аз оби баҚо диҳад
нишонам.

Мардум орзу доранд, ки чашмаи афсонавии Хизрро ёбанду аз он қатрае нӯшанд, инчунин дидори Хизри фархундапайро бубинанд.

Шоир хаёлан дар ғайб бо Хизр гуфтугузор дорад. Ё аз Хизр чигунагии чашма ва оби онро пурсидааст:

Камол аз Хизр пурсиш
кард васфи чашмааш,
гуфто:
Чу он лаб дидаам, з-он
об акнун даст мешӯям.
(354).

Дар яке аз байтҳои ғазали шоир бо санъати саволу ҷавоб аз маъшуқа пурсида мешавад, ки лаби лаълу хати сабзи ту аз кадом об сероб аст? Аз мазмуни ҷавоби баргардонида равшан мегардад, ки ин сероби аз "оби Хизр" ва "оби Хазар" аст. "Хазар" – калимаи вомии арабӣ. Баҳри Хазар – номи дигари баҳри Каспий. Мардуме, ки дар асрҳои миёна дар соҳили баҳри Каспий зиндагӣ мекарданд, бо номи Хазар машҳур буданд. Ахзар, ахзарӣ калимаҳои вомии арабист, ки онҳо ҳамоҳанги калимаҳои хазар, хазарӣ ба шумор меравад. Аввалӣ маънои кабуд, нилгунро, дуюми маънои кабудтоб, нилгунтар, ибораи "чархи ахзар" маънои осмони нилгунро ифода менамояд. Дар байти мазкур ибораи "оби Хазар" ба маънои оби баҳри Каспий омадааст:

Гуфтам: Ба лаби лаълу
хати сабзи равонбахш,

Оби Хизирӣ ё хазарӣ?
Гуфт, ки ҳар ду.

Ибораи "оби сухан" дар байти зерин аз ҳисси ғуруру ифтихор саршор аст.

Гар бингарад равонии
оби сухан, Камол,

Аз чашмасори хеш равад Хизр шармсор.

Дар байти зерин бо зарофати нозуктабъӣ баҳри равшан намудани мазмуни маҚоли халқии "Оби дарё бо ғалбер кам нагардад" кӯшише ба харҷ дода шудааст:

Оби чашмам кам нашуд,
чандон, ки мижгон
баргирифт,

Кас ба парвезан чӣ гуна оби Ҷайҳун кам кунад?

Дар байти мазкур ибораи "оби дида" чун муродифи ибораи "оби чашм" интихоб гардида, барои тасвири қадршиносӣ ва эҳтиромӣ ҳамдигар хидмат кардааст:

Гар оби дида сӯйи ту
орад Камолро,
Хошок пеши гавҳари
сероб мебарад.

Байти дигар:

Аҷаб мадор, ки рӯзе ба
оби чашми Камол
Зи остонаи ӯ сарву гул
бурун ояд.

***

Рафт, он чи рафт
з-оташи дил бар сари
Камол,
Минбаъд з-оби дида
бар ӯ то чиҳо равад.

Аз шарҳу тафсир ва баёни ҷиҳатҳои лингвостилистикии чанде аз калимаву ибораҳо пай бурдан мумкин аст, ки шоири ғазалсаро Камоли Хуҷандӣ дар интихобу корбасти воҳидҳои забон ва равшан намудани ҷиҳатҳои услубию бадеӣ маҳорати бемислро намоён кардааст.

Таваккал ЧОРИЕВ,
номзади илмҳои
филологӣ, профессор.

МАРОСИМҲО

УМЕД АСТ КАМХАРҶ МЕГАРДАД

Аз қадимулайём бобою момоҳои мо «ҳамаро ба тӯй расонад» гуфта даст ба дуо бардоштаанд. Бо сабаби пешгирии пандемия тӯю маъракаҳои оилавӣ як муддат манъ шуда буд. Дар натиҷаи оҳиста-оҳиста ба ҳудуди «сабз» ва «зард» гузаштани мавзеъҳо барои тӯй, маърака ва тантанаҳои оилавӣ бо иштироки на зиёда аз 30 нафар ва риоя намудан ба қоидаҳои карантин муайян карда шуда буд. Дар натиҷа, мардум чорабиниҳояшонро дар хонадон ва ҳавлиҳои худ бо иштироки 30-40 нафар, танҳо хешу таборе, ки сокини ҳамон ҳудуд ҳастанд, бо риоя ба қоидаҳои санитариву гигиенӣ баргузор намуданд.

– Рӯзи тӯйи хонадоршавии писарамро маълум карда будем. Пандемия фаро гирифту баргузории тӯйҳо манъ гардид. Духтарбачаро дуру дароз «сарбанд» карда мондан ҳам хуб нест. Баъди камтар нарм шудани вазъият тӯйро гузаронидем. Ташвиш ва харҷи тӯйро фикр карда, шабҳо хобам намебурд. Тӯй таҳти назорати фаъолони маҳалла баргузор шуд. Хонаам дар ошёнаи 9-ум ҷойгир аст. Хонаи калонро ба меҳмонон, дигарашро ба домоду арӯс ва 2-3 нафар дугонаю ҷӯраҳояшон омода намудем. Бо суханҳои неку самимӣ, рақсу бозии меҳмонон тӯй пурфайз ва ихчам гузашт. Маблағе, ки аз тӯй зиёдатӣ кард, ба пардохти аъзобадали хонаи нав, ки барои оилаҳои ҷавон ҷудо карда шудааст, мерасад, – мегӯяд Хонзода Орифова аз маҳаллаи Соғунии пойтахт.

Доир ба гузарондани тӯйҳои 30 нафара фикру мулоҳизаи аҳолиро аз саҳифаҳои расонаҳои хабарӣ дидану хондан мумкин аст, ки мақсади асосӣ ба ҳаёти хушбахтонаи ҷавонон ва ба душвориҳои моддӣ дучор нашудани волидон нигаронда шудааст.

– Тӯйи суннатии наберам бо риоя ба қоидаҳои карантин барпо гардид. Ҳофизони маҳалла бо ичрои «зинда» давраро тафсонданд. Назар ба гуфтаи писарам, маблағи зиёдатӣ, ки орзуву ҳавас гуфта, солҳои тӯлонӣ нахӯрдаву напӯшида ҷамъ карда буд, ба харидани автомобил низ мерасад. Ҳаммаҳаллаам арӯс фаровардани буд. Барои ба тартиб даровардани ҳавлию хона ва харҷи тӯй камтар қарз гирифт. Баъди гузарондани тӯйи камхарҷ қарзашро зуд баргардонд. Аз андешаи баргардонии қарз, ки солҳои тӯлонӣ азият мекашид, халос шуд. Офаридгор, ҳамаро ба нияташ расонад, – мегӯяд дигар сокини ҳамин маҳалла момои Муҳаббат.

— Тӯйҳои камхарҷ, албатта, ба манфиати соҳибтӯй аст. Аз деҳаи ҳамсоя арӯс овардам. Аз тарафи қудоҳо 20 нафар, хешу наздикони худам 15-20 нафарро ташкил намуданд. Анъанаи хуби мардуми мо дар он аст, ки ба тӯй бе тӯёна намеоянд. Нону фатир, санбӯсаю ширириҳои аз тӯй зиёдатиро ба оилаҳои серфарзанд, пирони танҳо ва беморон бахшидем, — мегӯяд сокини деҳаи Ширини ноҳияи Воҳкент Насиба Раҷабова. Оре, карантини имрӯз ба мо сарфакорӣ, расидан ба қадри меҳнати ҳалол, камтарӣ, ҳоксорӣ ва дигар хислатҳои неки инсониро боз як бори дигар хотиррасон намуд. Дар кӯча даҳҳо ҷӯраи домоду арӯс бо ҳаёҳу ва корвони мошинҳо нагарданд ҳам мешудааст. Ин бетартибиҳо баъзан сабабгори ҳодисаҳои нохуш низ мешаванд. Ба туфайли пурзӯр гардидани вазъияти имрӯза маъракаву маросимҳо боз як муддат манъ карда шуд.

Баъд аз ин, умед дорем, ки тӯйхонаҳои пургунҷоиш, дабдабанок, ҳофизони ба навбат истода, раққосаҳои пулчини дилхиракунанда, нону хӯрокиҳои зиёдатӣ, ки соҳибтӯй дар уболи онҳо мемонад, такрор намешавад. Умед дорем, ки ин рӯзҳои танг зуд паси сар мешаванд, диёрамон осуда, мардум боз тӯю сур, тантана ва маъракаҳои худро хотирҷамъона, бе исрофкорию ҳуднамоӣ баргузор ҳоҳанд намуд.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

ТАЪЛИМ

Чанде пеш, яке аз шогирдонам аз ноҳияи дурдасти кишварамон занг зада пурсон шуд, ки доири фанни нави «Тарбия» ба саволҳояш ҷавоб диҳам. Азбаски худам дар ин бора чандон маълумот надоштам, бинобар ин ваъда карда будам, ки дертар хабар мерасонам. Рости гап, ин чӣ гуна фан аст, барои синфҳои чандум ҷорӣ мегардад, ҳафтае чанд соат омӯзонида мешавад, кадом мутахассисон ҳуқуқи аз ин фан дарс доданро доранд, ба ҳамин қабил саволҳо то андозае ҷавоб пайдо кардам ва хостам, ки ба тариқи умумӣ маълумоте пешкаши хонандагон гардонам.

ОМӮЗИШИ ФАННИ НАВ

Ба ходимони соҳаи таълим маълум аст, ки имсол дар қатори фанҳои таълимӣ фанни наве ҷорӣ гардид. Фанни «Тарбия» дар хонандагон ба туфайли ташаккули дониш, малака, таҷриба онҳоро ба ҳаёти ичтимоӣ тайёр мекунад. Дар тафаккури хонандагон мазмун ва моҳияти ғояи «Аз барқарории миллӣ – рӯ ба сӯйи инкишофи миллӣ»-ро ҷойгир менамояд. Онҳоро ба воситаи ташаккули маВқеи фаъоли шаҳрвандӣ барои ба амал баровардани фазилатҳои масъулият, маҷбурият, тафаккури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии васеъ, эҳтиҳоди солим, соҳибмаърифатӣ, саховати динӣ ва миллӣ тарбия мекунад. Фанни мазкур маҳз аз ҳамин нуқтаи назар таълиф шудааст.

Хуб медонем, ки фанни таълимӣ дар асоси стандарти давлатии таълим, консепсияи таълим ва барномаи таълимӣ таҳия мегардад. Аз ин нуқтаи назар, барои оммаи васеи хонандагон дар ҳамин бора каме маълумот медиҳем.

Стандарти давлатии таълими фанни «Тарбия» мақсад ва вазифаҳои стандарти давлатии таълим, тартиби назорати риояи талаботи стандарти давлатии таълимро муайян менамояд. Коркарди Стандарти давлатии таълими фанни «Тарбия» бо ҳуҷҷатҳои Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таълим», Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Доир ба тайёр кардани кадрҳои миллӣ», Қарори Девони Вазирон «Доир ба таҳия ва дар амал ҷорӣ кардани стандарти давлатии таълим барои соҳаи таълими пайдарпай» аз 5-уми январи соли 1998 ва ғайра асосноК карда мешавад.

Пас, маълум мешавад, ки муаллифон дар таҳияи фанни мазкур аз маъхазҳои фаровон истифода мекунанд. Ин, албатта, ба тайёр кардани донишомӯзони ватандӯсту ватанпарвар ва болаёқату камолёфта мусоидат мекунад. Дар ҳамин ҷо саволе ба миён меояд, ки консепсияи фанни мазкур аз чӣ иборат аст? Ҳамин тариқ, ҷараёнҳои глобалии имрӯза, инкишофи илму техника, эҳтиёҷот ба ҷомеаи инноватсионӣ ба ҷавонон шароитҳои мусоид фароҳам меоварад. Дар назди онҳо талаботи ҳаётии зуд қарор қабул намудан, ташаккули тафаккури инноватсионӣ, баланд бардоштани салоҳияти интеллектуалӣ ва ҳамчунин садоқат ба арзишҳои умумимиллиро пеш мегузорад.

Консепсияи фанни мазкур барои маънан ва ҷисмонан солим тарбия ёфтани ҷавонон, амалӣ намудани иқтидор ва салоҳиятаашон ба кор меояд. Илова бар ин, барои ҷалб намудани онҳо ба равнақи кори давлат ва ҷамъият бо мақсади дастгирӣ кардани ташаббусҳояшон, боз ҳам афзун намудани асосҳои ҳуқуқӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва механизмҳои ташкилӣ хидмат менамояд.

Консепсия мутобиқи синни донишомӯзон дар мактабҳои таълими умумӣ ба ҷойи фанҳое, ки ба таркиби фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоюлҳои асосӣ» дохил мешаванд, яъне, «Одобнома», «Эҳсоси Ватан», «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият», «Асосҳои маънавият», «Таърихи динҳои дунё»-ро дарбар гирифта, дар яқҷоягӣ самтҳои асосии фанни ягонаи «Тарбия»-ро муайян мекунад. Бо ин мақсад, таҷрибаи Чин, Сингапур, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Австралия, Олмон, Британияи Кабир, Франсия ва Русия омӯхта шуда, дастурҳои омӯзишии фанҳои амалӣ ба тавриҚиёсӣ ҳаматарафа таҳлил карда шудааст.

Фанни «Тарбия» дар синфи I 33-соат, дар синфҳои II-IX 34-соат омӯзонда мешавад. Мазмуни дастури фанни «Тарбия» барои такомули ҳамаи фанҳои омӯзишӣ хидмат менамояд. Барои чуқур омӯхтани ҳар як мавзӯи дастур омӯзгор бояд ба ташкили корҳои амалӣ ва эҷодӣ эътибор диҳад. Мувофиқи характери мавзӯъҳо ҳикояҳои эҷодӣ тартиб дода, бачагонро барои баён кардани муносибаташон ба одоби қаҳрамонҳо ёд додан зарур аст. Ҳамчунин, ба истифодаи воситаҳои медиамаҳсулот ва ҳам масъалаҳои ишколӣ аҳамият додан лозим мебошад.

Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,
омӯзгори мактаби
таълими ҳамагонии
№47 ноҳияи Чинози
вилояти Тошканд.

Дар маҷмӯи варзишии «Ёшлар»-и шаҳри Навоӣ нуқтаи ташхис, саракунӣ ва тақсимотии дорои 400 ҷой ба кор сар кард. Бо мақсади дар мавсими пандемия ба беморон хизмати тиббӣ расонидан ин маскани муваққатии табобатӣ ташкил карда шуд. Ба ин ҷо беморони табашон баланд барои хидмати аввалини ёрии таъҷилӣ оварда мешаванд. Мичозон мувофиқи ҳолати худ ба беморони хеле вазнин, вазнин ва сабук ҷудо карда, дар шифохона ё худ хонаҳояшон даво мегиранд.

Нуқтаи мазкури табобатӣ барои самарабахш ба роҳ мондани муоинаҳои тиббӣ бо асбобу анҷомҳои замонавӣ таъмин карда шудааст. Дар ин ҷо ҳамчунин барои беморон 200 ҷойи оксигенгузаронӣ мавҷуд мебошад. Дар нуқтаи табобатӣ ҳоли ҳозир 44 нафар ходимони тиббӣ кор мекунанд.

Дар сурат: *дар маҷмӯи варзишии «Ёшлар»-и шаҳри Навоӣ.*

Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).

АХЛОҚ

МАНМАНӢ – ПЕШАИ ШАЙТОНӢ

Яке аз назди калоншавандае бо чеҳраи туршу димоғи сӯхта баромад. Дӯсташ сабаб пурсид. Вай даст афшонда, гуфт:

– Мушкилии сахте ба сарам афтод. Гӯр ин дасткӯтоҳии мо шавад, қарз даркор шуд. Гуфтанд, ки ҳамин одам доро, як даҳон пурсӣ, не намегӯяд. Сарамро хам карда, ба наздаш даромадам. Такаббуру калонгирӣ ва манмании ӯро дида, сад пушаймон шудам. Наход одам ҳам ҳамин хел шавад? Дилам сип-сиёҳ шуду аз баҳри қарзгирӣ ҳам баромадам. Акнун ягон илоҷи дигарашро меёбем.

Чаро баъзеҳо кибру баланддимоғӣ, манманиву ҳавобаландӣ мекунанд? Сабаб чӣ бошад? Аз ин кор оё онҳо ягон фоида мебинанд ва ё обрӯю нуфузи худро баланд мебардоранд? Дар ин замина чанде аз аҳли Самарқандро ба суҳбат кашидем.

О. ХОҶАЕВ, раиси хоҷагии фермерӣ аз ноҳияи Самарқанд:

– Ин хел одамҳо ҳастанд. Баъзеҳоро дар вақти кор ё суҳбатҳо мебинем, ки як-ду зина баланд мешинанд. Ончунон мағруранд, ки гӯё ҳокими мутлақ бошанд. Гапҳо калон-калон, бодигӣ аз осмон. Бо мансаб, пулу бойигарӣ ё мошину хонаву ҷойи худ мепарранд. Вале, вақте ки ба сари мақсад – корҳои хайр гузарем, дамашон ба дарун меафтад. Онҳо, ки бо роҳҳои гуногуни фиреб соҳиби амал ва ё дороӣ шудаанд, аз ҳисоби дигарон валинеъматӣ карданро дӯст медоранд. Камбағалҳо як бурда нонашонро аз таҳти дил бо дигарон ба ҳам мебинанд. Мо, ки бо замин сару кор дорем ва ризқу рӯзиамон аз пушти деҳқонӣ мебошад, дар зиндагии дурӯза мисли замин оддиву хоксор буданро афзал медонем.

Ҳ.ЎЗБЕКОВ, духтур, ходими Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарони шаҳри Самарқанд:

– Мағруриро касалӣ гуфтан мумкин не. Инҳо аз он сабаб ба вуҷуд меоянд, ки ягон кас иморати зӯр созад, мошини воҳиманоки хориҷӣ хараду дар он шишта гирад, аз вай ягон одами калон нест. Ин манманӣ, шояд аз бефаросотӣ маншаъ гирад? Чунки дигарон ин хел намекунанд. Одамгариро аз даст намедиҳанд. Ин гуна рафторро камаҚлӣ гӯед ҳам намешавад. Манманӣ аз якбора пулу мансаби касон ба даст овардан рух медиҳад. Ин рафтору кирдор хислати ганда аст.

А.ШАРОФИДДИНОВА, омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Самарқанд:

– Мағруру димоғбаландҳо ҳозир бисёр шудаанд. Онҳо аз кадом ҷиҳат худро бартар меҳисобанд, ба худ ғарра мешаванд? Шояд аз каммаънавиятӣ ё мансабашон? Аз афташ, онҳо ҳикмати халқии «мо ҳам будем ту барин, ту ҳам шавӣ мо барин»-ро намедонанд. Яъне, таҷрибаи зиндагӣ надошта ва аз таҳлили кору кирдори худ ғофил ин хел рафтор менамоянд.

А. СОБИРОВА, сокини маҳаллаи Деҳнави ноҳияи Самарқанд:

– Мағруриву манманӣ ҳама аз нодонӣ, аз кӯр будани чашми дил аст. Касе, ки маънавияти баланд дорад, аз маърифату маданият бохабар аст, такаббуру худписандӣ намекунад. Одам, ки мутакаббиру мағрур шуд, зуд обрӯяш мерезад.

Ҷ.РАУФОВ, корманди осорхонаи шаҳри Самарқанд:

– Мағрурӣ, такаббур ба одамизод намезебад. Онҳо хислатҳои шайтонӣ мебошанд. Ғурур, ба фикри ман, танҳо ба Худо мезебад.

Манманиҳо пешаи
шайтон бувад,
Ҳар кӣ худро кам занад,
мард он бувад.

Бахтиёр ҶУМЪАЕВ.
Вилояти САМАРҚАНД.

МАДАНИЯТИ МУТОЛИА

СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ “ЛОИҚНОМА”-И СОРБОН

Ин дафтари шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал,
Рав, чархи гардунро бигӯ,
Лоиқ видоят карду рафт.
Лоиқ.

Шоири тавоно, базморо, зиндаёду покбунёд, шаҳиру дилпазир, навгӯву навчӯ Лоиқ Шералӣ агар ҳаёт мебуд, 80-солагии зодрӯзаш ба иди адабиёт, чашнвораҳои бузурги аҳли фарҳангу адаб табдил меёфт. Аз имконияҳои муфиди карантини маданӣ истифода бурда, китобҳои “Афсона ва афсун” (“Техрони сеҳрнок”)-и М. Дидевар, “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Алишер Навоӣ (дар тарҷумаи шодравон Ҷонибек Қувнок), “Насиҳат ба фарзанд”-и Нусрат Раҳмат, “Сармаддеҳ” (китоби дуюм)-и Баҳманёр, “Девон”-и Фарзона, силсилаи ашъори Гулрухсор, чанд ҳикоя, қисса ва романи “Актёр”-и Сорбонро ба нақшаи мутолиа дохил карда будам. Воқеан, ёдномаи муассир ва пурмӯҳтавои Сорбон бо унвони “Лоиқнома” ҳам, ба назарам, аз ҳар чиҳат лоиқи таҳсину эътироф аст. Дар бораи сирату сиришт, шахсияту сарнавишт, дунёи ботиниву зоҳирии Лоиқи хушбаён, осори гаронбаҳо ва мондагори ӯ андешаву мулоҳизаҳои фаровон гуфта шудааст, аммо “Лоиқнома” чизи дигар аст! Бо ибораи дигар гӯем, дилномаест пур аз фахру ифтихор, мулоқоту мунозираҳои ҷолиб, лаҳзаҳои висолу видоъ, бемориву хушҳолӣ, суру сӯг, машаққату масаррати эҷоду илҳом, тараннуми асолати ватану миллат, забону вахдат, халқу халоиқ, фарзанди асили диёр, ки ба муаллиф ва қаҳрамони ёднома мансубанд.

Сорбон дар радифи ҳамқаламону ҳамқадамони намоёни давр: Лоиқ, Бозор Собир, Кӯҳзод, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон фаъолияти пурсамар бурдааст.

Навиштаҳои ӯ (зиёда аз 140 ҳикоя, 15 қиссаи хурд, 11 повест, 5 роман, ёдномаву сафарнома) мустақиман бо зодгоҳаш деҳаи Амондараи Панҷакат вобаста мебошад. Романҳои “Кадевар”, “Туғрал”, “Достони писари Худо”, “Ниёз – кончӣ”, “Росу”-и ӯ адиби вуқӯъгӯй, дақиқназар, рангинхаёл будани муаллифро собит кардаанд.

Ёднома бо тафсилоти хабари нохуши писари бузурги Лоиқ – Ҷамшеди шаҳринишин оғоз меёбад, ки падараш аз баланд шудани фишори хун бистарии бемористон шудааст. Раҳорах сӯйи Душанбе писар, бародари калонии Лоиқ Қорӣ Шариф ва Сорбон аз он нотинҷ мешаванд, ки наҳоҳ “Лоиқи тановару тавоно, хушҳол ва зиндадилу дилогоҳ бо чунин нотавониву бемадорӣ якбора аз пой афтода бошад. На, ӯ тан нахоҳад дод дарду маризиву бемориро”... Ҳамин тариқ ёднома моро то Душанбешаҳри ободу сарсабз, вале аз беёд хуфтани фарзанди бузурги тоҷик ночору мусибатзада машғули андешаву гуфторҳои тасаллибахш, дуову ниятҳои рӯҳфизо медорад. Сорбон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки Ҷамшеду Қорӣ Шарифро аз вартаи хаёлоти нохуш берун оварад, бузургиву намирандагии дӯсти қаринашро бо зикри хислатҳои беназири инсониаш, пояндаву абадзинда будани осори оламшумулаш исбот намояд.

Дар як ҷои ёднома Сорбон менависад:

“Э Варзоб-э, э Варзоб-э! Хабарат ҳаст, ки Лоиқ бемор шудааст. Бале, ҳамон шоир! Ҳамон шӯхшанг, ҳамон бебок, ҳамон ошиқ, ҳамон майхора, ҳамон, ки туро дӯст медорад ва ... Эй Варзоб! Ту осуда бош! Поянда бош! Боз Лоиқ меояд! Афсалшо меорад, Фарҳод меорад, ҳамон Фарҳод, ки чун ман бо Лоиқ хунпайванд шудааст ва ҳаргоҳ то ҷиддӣ кабку муғи хулол ҷуста меоянд...”

Чунин тасвирҳо, хитобаҳо, мулоҳизаҳо, ки фаровон аз талмеҳу қиёсҳо ва шахсиятҳои таърихианд, ниҳоди поку беолоиши Лоиқро ба хубӣ намудор мекунанд.

Ё дар ҷойи дигар мехонем: “Лоиқ дар ҳаёт нолиш надошт. Ман нашунидаам, ки аз нокомиҳо, аз норасоиҳо, аз каму кости рӯзгори шахсӣ гӯя карда бошад. Гурусначашмӣ ё ҳарисӣ надошт. Вонамуд мекард, ки чашму меъдааш сер аст...”

Ба Лоиқи хушгӯ бузургони сухан М.Турсунзода, Н.Маъсумӣ, Ф.Муҳаммадиев, Ш.Рустамов, Ҷ.Икромӣ, Ф.Ниёзӣ ва дигарон хусни таваҷҷӯҳ ва ихлоси баланд доштанд. Дар поёни умраш бештар ба Ҳилолӣ, Румӣ, Ҳофиз, Хайём, Рӯдакӣ рӯ меовард.

Байти:

Гар дар ҳама даҳр як сари
нештар аст,
Дар пойи касе халад,
ки дарвештар аст,

ки аз зери андовайи девори мазори Хоҷа Муҳаммади Башоро пайдо кардаанд, ба Лоиқ азизу гиромӣ буд.

Дар ёддоштҳои Сорбон номи бисёр одамон қаламдод шудаанд, ки бевосита ба ҳаёти Лоиқ алоқамандӣ доранду шоир бо онҳо дар робитаи хешутаборӣ, дӯстиву ҳамкории эҷодӣ буд. Беш аз ҳама модараш Зоҳробибӣ, завҷааш Зебинисо, фарзандон, модарарӯсаш Додарӣ, бародараш Қорӣ Шариф, эҳҳе ... ном ба ном овардан ғайриимкон аст. Дар дилу дидаи ҳазорҳо одамон мавқеи устувор дорад Лоиқи ошиқ!

Хулосаи сухан, дар бораи Лоиқ ёдномаҳо, сӯгвориҳо, тадқиқоти зиёде навиштаанд, аммо... аммо “Лоиқнома”-и Сорбон достонест, ҳайкалест воқеӣ, дилнишину ҷаззоб!

Гӯё дами вопасини худро пай бурда бошад, Лоиқ гуфтааст:

Нӯшед ба ёди хотири хастаи ман,
Холӣ накунед ҷойи биншастаи
ман.
Андар сари гӯри ман гузоред
чу лавҳ,
Як соғари вақти мастӣ бишкастаи
ман.

Субҳи 30-юми июни соли 2000, соати 4-у 20 дақиқа дили Шоири халқии Тоҷикистон, суханвари чаҳонии тоҷик Лоиқ Шералӣ аз задан монд. Қабри файзосораш дар паҳлӯйи гӯри устод Улуғзода. Дар атроф устод Икромӣ, Миршакар, Ниёзӣ, Муҳаммадиев, Қутбӣ, Одина Ҳошим, Сайёр ва Тӯҳфахону Малика ҳастанд, Исҳоқӣ низ, менигорад Сорбон.

Инак, 20 сол мешавад, ки Лоиқ ҳарчанд ҷисман ин дунёро тарк гуфтааст, дар дилу ёди одамҳост. Ӯ намурдааст. На-на!!! Дарёфтам: худаш гуфтааст: “Навиштаҳоямро хонед, ҳама чизро дарёфт хоҳед кард”. Худи ӯ ҳам. Хушбахтам, ки бо Лоиқ ду бор вохӯрдам, аз ӯ соядаст гирифтаам: вақти чилсолагиаш дар Самарқанд, айёми 50-солагиаш дар Панҷакат.

Сорбоно, корвон манзил ба
манзил меравад,
Дар раҳи ҳар манзиле як пораи
дил меравад

Нормурод КАРИМЗОДА.
Ноҳияи САМАРҚАНД.

ҶИСМИ ШОИР ФАНО ГАРДИД, АММО...

Адабиёти муосири тоҷик талафоти гарон дод. 13 августи соли равон Шоири мардумии Тоҷикистон, барандаи мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ, муаллифи суруди миллии Тоҷикистон — Гулназар Келдӣ дар 75-солагӣ бар асари беморӣ аз дунё даргузашт.

Гулназар Келдӣ 20 сентябри соли 1945 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида ба дунё кушодааст. Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, фаъолияти кориашро соли 1966 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», ба сифати хабарнигор, шурӯъ кардааст. Солҳои 1973 — 1990 аввал ҷонишини мудири шуъба, сипас мудири шуъбаи назми маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Аз соли 1991 то охири умр ба ҳайси сармуҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ифои вазифа кард.

Шоири саршинос барои имрӯзиён ва фардоиён дафтарҳои шеъриро зиёде, ба мисли «Расми сарбозӣ» (1969), «Дастархон»(1978), «Нардбон» (1975), «АҒба» (1978), «Паҳно» (1981), «Лангар» (1985), «Пайи дарё» (1985), «Чашми нигин» (1992) ба мерос гузошт.

Китоби шеърҳои шоир — «Звезда Улуғбека» («Ситораи Улуғбек», 1981), «Безимянный родник» («Чашмаи беном», 1989), «Тень тутовника» («Сояи дарахти тут», 1985) дар тарҷумаи шоирону тарҷумонҳои боистеъдоди рус рӯйи чопро дидаанд. Маҷмӯаи «Тахти Рустам»-и суханвар соли 1988 бо ҳуруфи арабиасоси форсӣ ба дасти нашр расид.

Шоири соҳибсабк шеърҳои шоирони рус Марина Светаева, Римма Казакова, Михаил Светлов, Роберт Рождественский, Николай Гумилёв ва Юрий Лермонтовро бо маҳорати баланд ба мулки маънавии халқи тоҷик табдил додааст.

Алоқамандони каломи бадеъ бо маҳсули солҳои охири шоир — песаҳои «Мансури Ҳаллоҷ» ва «Имом Ғаззолӣ» ошноянд. Шеърҳои салису равони шоир ба мактабиён ва донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикии муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон низ ғизои маънавӣ бахшидаанд. Солҳои 70-уми қарни сипаригардида маҷмӯаҳои шеъриро ӯ — «Расми сарбозӣ» ва «Дастархон» аз китобҳои рӯйимизии донишҷӯёни факултаҳои филологияи тоҷики донишгоҳу донишкадаҳои Самарқанд низ буданд. Шоири дарёдил айни замон ба бисёре аз шоирони тоҷики ҳавзаи Ӯзбекистон ҳаққи устодӣ дорад.

Гулназар Келдӣ, мисли шоиру нависандагони бузурги тоҷик устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ... ҳар боре, ки ба пойтахти Ӯзбекистон меомад, албатта, ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ташриф меовард, дар атрофи ӯ аҳли эҷоди рӯзнома ҷамъ меомаданд, як маҳфили кӯчаки адабӣ баргузор мешуд, маслиҳатҳояшро бобати пешрафти адабиёти ҳавза дареғ намедошт... Ин кори ӯ аз садоқаташ ба адабиёт ва фарҳанги миллӣ дарак медод. Устод бо бисёр адибони ӯзбек дӯстӣ дошт.

Шоири шаҳир имсол ба ҷашни 75-умин солгарди умраш, ки бояд 20 сентябри соли равон бургузор мешуд, омодагӣ мегирифт. Дареғ...

Ба муносибати фавти нобаҳангоми шоири номвар ба аъзои оила, қарибон ва аҳли адаби Тоҷикистон ҳамдардӣ изҳор менамоем. Ҷисми шоир фано гардид, аммо умри рӯҳонии ӯ дар сатрҳои мондагораш идома дорад. Ҳар касе, ки китоби шеърашро кушояд, нафаси гармашро эҳсос мекунад. Суруди миллии ӯ ҳар субҳ аҳолии Тоҷикистонро аз хоб бедор менамояд.

Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».

ПАЙҒОМИ ПАСИ АҒБА

Ба устод Гулназар

Намегӯям, аё устоди мушфиқ,
Ба ман омӯз асрори суханро.
Агар дар дил набошад сӯзу дарде,
Наметонам кашам бори суханро.

Ба ман омӯз покӣ, устуворӣ,
Ба баҳри синаҳо «Лангар» ниҳодан.
Ба роҳи сӯхтанҳо, сӯхтанҳо,
Чу оташ мушти хокистар ниҳодан.

Ба ман омӯз дарси сарбаландӣ,
Чу ҳар кӯҳи баланди Тоҷикистон.
Биёмӯзам давидан дар раҳи умр,
Чу Варзоби шитобону шитобон.

Давидам бас ба паҳноҳои кӯҳам,
Ба «Паҳно»-и сухан аммо чӣ душвор.
Ба дидан гарчи ҳамвор асту осон,
Вале шебу фарози он чӣ бисёр.

Биёмӯзам тариқи кӯҳгардӣ,
Мани даштӣ чӣ донам аҒбааш чист.
Замини мо фақат водию сахрост,
Дар ин ҷо тоҷикон ҳастанду кӯҳ нест.

Биёмӯзам, аё марди фидоӣ,
Нанолидан ба зери бори тақдир.
Бихоҳам аз камони миллати хеш,
Парам суйи ҳадаф чун бехато тир.

Абдулло СУБҲОН.

АКСИ САДО

ҲАЙКАЛЕ БОЯД, ҲАЙКАЛЕ!

Ҳарчанд ки зодгоҳи шоир Рӯдакӣ Бухоро нест, вай ба Бухоро омад ва ба камол расид. Ҳамчун шоири тавонотарин ва сарвари шоирон – сардафтари адабиёти классикии форс-тоҷик шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Мақолаи адабиётшинос С. Олим «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ...»-ро аз рӯзномаи «Овози тоҷик» (22.07.20, №49) хонда хеле хурсанд шудам. Ҷӯйи Мӯлиёнро, ки дар самти ғарбӣ-шимолии шаҳр воқеъ аст, хуб медонам. Дар ин ҷо замоне Рӯдакии бузург гаштугузор карда, шеърҳои дилкаш офаридааст. Он манзарае, ки адабиётшинос дар мақолааш овардааст, бароям шинос аст. Ҳар касе, ки филми бадеии «Қисмати шоир»-ро (он ба ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ бахшида шудааст) дидааст, инро хуб медонад. Дар филм Наср бинни Аҳмади Сомониро бо «сеҳр»-и овоз ва иқтидори сухани мавзун ба по хезонда, аз Бодғис сӯйи Бухоро овардани шоир хеле моҳирона тасвир ёфтааст. Дар кинофестивали байналхалқӣ сазовори мукофоти олӣ – «Уқоби тиллоӣ» гаштани ин маҳсулоти «Тоҷикфилм» низ бароямон маълум. Рӯдакӣ шоири сатҳи ҷаҳонист. Меҳмонони аз дуру наздик ба шаҳри шариф оянда ӯро хуб медонанд. Беҳуда нест, ки С. Олим ин нуктаро дар мақолааш ба воситаи мулоқот бо меҳмони мағрибӣ хеле табиӣ овардааст. Шеъри Рӯдакӣ бо матлаъи: Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме, Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме... дили ҳар як бухороиро ба ҷӯш оварда, ба он нисбати шаҳри шариф эҳсоси ифтихор меангезад. Ба далели равонию соддагии ифода, ҷозибанокии шеър мо, аллакай, солҳои талабагӣ онро азёд карда будем. Мутаассифона, ҳоло дар вилоят аз байн рафтани мактабҳои тоҷикӣ имконият намедиҳад, ки имрӯз насли наврас аз мероси гаронбаҳои маънавии гузаштагони худ, бевосита, ба забони модарӣ баҳраманд шаванд. Ҷавонони имрӯза ақаллан бо тарҷума бошад ҳам аз ҳаёт ва эҷодиёти онҳо огоҳ мешуданд, хуб мешуд. Мардум мегӯяд: «Аввал хеш, баъд дарвеш». Ҳоло замони қадршиносии аҷдоди бузургамон фаро расидааст. Солҳои охир ном ва мероси гаронбаҳои маънавии мутафаккирҳои зиёдамон аз нав «зинда» гардид. Номи онҳо кӯчаву хиёбонҳои шаҳри кӯҳнаро зеб медиҳанд. Афсӯс, ки байни онҳо номи «Одам-уш-шуаро» – сарвари шоирон Рӯдакӣ аз назарҳо дур мондааст. Ҳол он ки Устод Рӯдакӣ шоистаи ҳайкал аст. Охир, Бухорои шарифро Имом Бухорӣ, Рӯдакӣ, Ибни Сино, Баҳоуддини Нақшбанд барин родмардон ба ҳафт иқлим шӯҳратманд гардондааанд.

Ҳайдар ҲАМИДОВ, таърихшинос.
БУХОРО.

Чун дар тамоми ҳудуди Наздиарал дар ноҳияи Бӯзатов низ корҳои васеъмиқёси сохтмону бунёдкорӣ амалӣ мешаванд. То ҳол чандин иншооти нав ба истифода супурда шуданд, боз бунёди як қатор иншооти иҷтимоӣ, маданиву иқтисодӣ давом дорад. Ҳамзамон корҳои тармиму таҷдид иҷро мешаванд.

Барои сохтмони бинои нави дуошёнаи маркази хидматҳои давлатӣ тақрибан 60 нафар коргарони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бахит – Миратдин қурилиш» ҷалб гардидааанд.

***Дар сурат:** дар бинои маркази хидматҳои давлатии ноҳияи Бӯзатов.*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ КУШОДА ШУД

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Гулистон”-и ноҳияи Сӯх муассисаи таълими томактабии хусусӣ кушода шуд.

Ин муассисаро дар ҳавлии худ сокини маҳалла Ҳамида Султонова кушодааст.

– Ба муассиса “Зулфира” ном гузоштам. Ин номи духтарам мебошад. Бо ифтитоҳи ин муассиса кӯшиш бар харҷ хоҳам дод, ки дар мавриди таълиму тарбияи фарзандони хурдсоли аҳли деҳ ҳиссаи худро гузорам, – мегӯяд Ҳамида Султонова.

Дар ин маскан 25 нафар кӯдакони то шашсола ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Дар айни ҳол ин муассисаи таълими томактабӣ аз ҳисоби занону духтарони маҳаллӣ се нафарро ба кор таъмин кардааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.
Вилояти ФАРҒОНА.

ДАР МАВЗӮИ ДОҒ

«ХӮРДАНИ ҲАҚҚИ МАРДУМ ГУНОҲ АСТ...»

Имрӯзҳо дар сари мардуми дунё рӯзҳои вазнини пуризтироб ҳукмфармой дорад. Аз қадимулайём халқи инсонпарвари мо дар чунин рӯзҳои вазнин яқдигарро дастгирӣ намуда, ба инсонҳои муҳтоҷ дасти ёрӣ дароз кардааст.

Барои дастгирии оилаҳои серфарзанд, куҳансол, ногиро, танҳо ва ба кӯмаки иҷтимоӣ муҳтоҷ аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ бахшида ба Иди қурбон ва дар давраи карантин ба бекорон додани як миқдор кӯмакпулӣ ба нақша гирифта шуда буд. Ҳар ду намуди кӯмаки моддӣ дар шакли нақд бояд дастрас карда мешуд. Албатта, ҷудо кардани ин миқдор маблағ дар чунин вазъияти мураккаб корест хайр ва инсонпарварона. Аммо аз маълумоти расонаҳои ахбор маълум шуд, ки аҳолӣ аз корбарии баъзе шӯрои маҳаллаҳо норозӣ аст. Маблағи ҷудошударо мувофиқи меъёр насупурдан, чашмбандиву қаллобӣ, хешбозиву шиносбозӣ ва дигар ноадолатиҳо рух медиҳад, ки ин боиси эътирозу норозигии мардум мегардад. Дар чунин як шароити вазнин дар дари бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ҷамъ шудани мардум худ ба вазъияти имрӯза созгор нест. Дар баъзе маҳаллаҳои вилоятҳо вазъиятҳои ногувор, аз ҷумла, кӯмакпулии ба дасти муҳтоҷ додаро «саҳв шудааст» гуфта, гардонда гирифтанҳо...

– Корро, ки бо нияти нек оғоз мекунем, ба туфайли ду-се нафар беимон бадном мешавем. Мардум фикр мекунад, ки корбарии аксарияти маҳаллаҳо чунин аст. Дар чаҳорчӯбаи барномаи «Саховат ва кӯмак» ва ба муносибати Иди қурбон маблаҒе, ки аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ ҷудо карда шуд, аз рӯйи адолат, бо маслиҳати фаъолони маҳалла ба оилаҳои серфарзанд, пирони танҳо, ногиро, дар давраи карантин бекормондагон расонда дода шуд. Маҳалла шароити ҳар як оилаи ҳудудашро бояд панҷ панҷааш барин донад. Бахшида ба Иди қурбон соҳибкорони деҳа Икром Тоҷиев, Амондулло Амонов, Ҷамшед Бекназаров, Карим Раҳимовҳо ба оилаҳои камтаъмин хӯрокворӣ – гӯшт, орд, равған, тухм, биринҷ ва ғайраро эҳсон намуданд. Дар китобҳои муқаддас оид ба хиёнат ба «ҳаққи ятим», «ҳаққи маъюб», «ҳаққи беваю бечора» бисёр гуфта шудааст. «Ба девори хонае, ки ятим дорад, такя кардан гуноҳ аст», оварда шудааст дар ҳадисе, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Эчи ноҳияи Нурато Узоқбой Муродов. – Хатои аввали мутасаддиён дар он буд, ки маблаҒи ҷудошударо набояд бо пули нақд ба мардум расонда медод. Табиати инсон ҳамин хел аст, ки ба чизи пеши назараш чашм «ало» мекунад, мехоҳад аз он «луқмае» барад. Ба фикрам, дар сари кор агар пул ба картаи пластикии ҳар як эҳтиёҷманд меафтид, чунин норозигию ноадолатӣ ба миён намеомад. Чи хеле ки мегӯянд «ёр аҳл бошад, кор саҳл аст», маҳалла дард, мушкилӣ ва дарҳости мардумро бояд аз рӯйи адолат, бо яқдигарфаҳмӣ, дӯстона ҳаллу фасл намояд.

Дуруст мегӯяд У. Муродов, ба ин бетартибиҳо баъзан худи мардум айбдор ҳастанд. Ҳастанд шахсоне, ки солиму бақувват, аммо бо баҳонаи пандемия сари кореро даст намегиранд ва барои кӯмакпулӣ дари маҳалларо мекӯбанд. Ё аз замини рӯйи ҳавлӣ, паррандаю чорвои худ даромад доранду худро муҳтоҷ нишон медиҳанд. Албатта, қисми зиёди маблаҒи ҷудошуда соҳибони худро ёфтанд, вале камбудиву хатоҳои ночиз баъзан кори хуб ва меҳнати ҳалоли шахсро шуста мебарад.

– Дар мо анъанаи хубе ҳаст. Соҳибкор ва фермерон ба маҳалла омада мепурсанд, ки аз ҷониби мо чӣ гуна кӯмак лозим. Роҳбари хоҷагии фермерии «Мунаввар» Дилмурод Мирзоев, соҳибкор Сухроб Раҳимов бо гӯшти чорвои бонии худ ба оилаҳои ниёзманд кӯмак расонданд. Ягон оилаи эҳтиёҷманд дар канор намондааст. Чунин корҳои хайр ҳоло ҳам идома доранд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Пахтаобод»-и ноҳияи Сайҳуноболи вилояти Сирдарё Фирдавс Маҳмудов.

Хавфи то кучо идома ёфтани пандемия ҳоло маълум нест. Чунин корҳои инсонпарварона боз такрор меёбад. Барои такрор нашудани дӯлобкориҳо, боиси норозигии мардум нагардидан аз ҷамоати оила ва маҳалла масъулият, таҳлили амиқ ва адолат талаб карда мешавад.

Аз ҳама муҳимаш, чунин корҳои хайр бояд бахри беҳбуди сатҳи зиндагии мардум хизмат кунад.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-835. Адади нашр 682, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.